**Протоколи № 5**

маҷлиси васеи кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 9-уми декабри соли 2022

**Иштирок доштанд:** мудири кафедраи филологияи араб, дотсент Анварова М.Н., аъзои кафедраи филологияи араб, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи араб Ғаффорова У.А., декани факултети забонҳои шарқ, дотсент, Раҳимов И.У., номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Ҳомидиён Ҳ.К., доктори илмҳои филологӣ, Очилова М., мудири кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқ, номзади илмҳои филология, Қӯзиева Н., номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқ, Нигматов Н.

**Рӯзнома:**

**8. Масъалаҳои ҷорӣ:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ).

Маҷлисро мудири кафедраи филологияи араб, дотсент, Анварова М.Н. кушода, ҳозиринро бо рӯзномаи маҷлис шинос кард ва барои

шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия суханро ба Саидғанизода С. дод.

**Суханронии унвонҷӯ Саидғанизода С:** – “Бо арзи дуруду салом, бо иҷозати Шумоён нуктаҳои муҳими диссертатсияро ба самъи ҳозирин мерасонам. Ташаккули афкори адабиву ирфонӣ ва фалсафӣ ва таҷассуми он дар осори арзишманди суханварону донишмандони гузашта аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тамоми даврони рушди тамаддуни башарӣ шеъру осори мансур ба унвони воситаҳои муҳимтарини матлабҳои фалсафӣ, андешаҳои ирфониву ҳикамӣ хидмат намуда омадааст. Маълум аст, ки дар аҳди аввали густариши тасаввуфи исломӣ аксари намояндагони барҷастаи он чун Иброҳими Адҳам, Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бастомӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯбакри Шиблӣ, Ҳасани Басрӣ ва дигарон дар ташаккули тасаввуфи амалӣ ё ба маъруф хонақоҳӣ саҳм гузоштаанд. Дар баробари ин бузургон бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои зуҳури афкори фалсафӣ ва ирфонӣ Аҳмади Ғаззолӣ чун мутафаккир ва файласуфи ориф тавонист, ки мақоми махсуси худро пайдо намуда, барои таълифи кутуб ва рисолаҳои пубори ирфонию фалсафӣ дар ҷаҳоншиносии мардумони Машриқзамин саҳми босазое аз худ ба ёдгор гузорад.

Мусаллам аст, ки баррасии зиндагиномаву мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯзам ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ нашудааст ва шояд яке аз аввалин омили зуҳури чунин муаммо ба ҳуруфи кириллик нашр нагардидани осори ӯ маҳсуб ёбад. Ҳарчанд муҳаққиқони таърихи афкори фалсафии тоҷик чун Кароматулло Олимов, Мусо Диноршоев, Нозир Арабзода, Нодир Одилов ва дигарон бештар дар мавориди муайян ҷиҳати фалсафиву ахлоқии ӯро дар равиши корҳои илмии худ, ки ба мавзӯоти дигаре ихтисос ёфтаанд, ишора кардаанд, аммо зуҳури чанд таҳқиқоти ҷудогонаи марбут ба афкори фалсафиву иҷтимоии ӯ ба даҳсолаҳои охир пайванд мегирад, ки ин амр бозкунандаи оғози тамоюли таҳқиқи мероси

ин мутафаккир аз диди фалсафӣ мебошад. Муҳаққиқи тоҷик Амирхонов Ш. дар рисолаи номзадӣ масъалаи ҷаҳонбинии ирфонӣ дар рисолаҳои Аҳмади Ғаззолиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, аммо бо ин ҳама тавре гуфта омад, таҳқиқи арзишҳои адабии осори адиб ва муҳимтар аз ҳама ҷойгоҳи вай дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои миёна ба дурустӣ ва ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Ин ҷо танҳо метавон аз баъзе пажӯҳишҳои анҷомдодаи академик Салимов Н., ки дар заминаи анҷоми пажӯҳиши гаронқадре перомуни наср ва такомулу таҳаввули он дар адаби форсӣ-тоҷикӣ, ки бо номи «Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик» (асрҳои IX-XIII) нашр шуда, бахше аз ин китобро ба нақду баррасии насри сӯфия, бавижа насри мазҳабӣ ихтисос дода, доир ба забон ва наҳваи баёни рисолаҳои ирфонӣ ва ҳусну қубҳи онҳо, аз ҷумла “Савонеҳ-ул-ушшоқ”- и Аҳмади Ғаззолӣ андешаҳои хешро дар пайванд ба вазъи куллии рушди насри форсу тоҷик дар асрҳои миёна ва хусусиятҳои аслии сабки нигориши осори ин давра баён кардааст, ёдовар шуд.

Таҳқиқу баррасии осори Аҳмади Ғаззолӣ, нашри китобҳои ӯ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо кӯшиши Аҳмади Афлокӣ, Насруллоҳи Пурҷаводӣ, Ҳашматуллоҳи Риёзӣ, Муҷтабо Минавӣ, Аҳмади Тафаззулӣ, Шафеии Кадканӣ, Саид Абдулфотеҳ ва дигарон анҷом ёфтааст. Муҳаққиқони таърихи адабиёти форсӣ ва мероси сӯфия, чун Маликкушшуарои Баҳор, Забеҳулло Сафо, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Аҳмади Муҷоҳид ва аз шарқшиносони шуравӣ В.В.Браун, Е.Э.Бертелс, И.С.Брагинский дар раванди пажӯҳишоти худ ба зиндагинома ва мероси Аҳмади Ғаззолӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар иртибот бо масъалаҳои асосии пажӯҳиши хеш ба бархе аз самтҳои муайяни афкор ва осори ин мутафаккир таваҷҷуҳ зоҳир

намудаанд, ки албатта ин мулоҳизоти эшон аз аҳамияти илмӣ холӣ намебошанд.

Тавре маълум мешавад, зиндагинома, осор ва ҷаҳоншиносии Аҳмади Ғаззолӣ бештар аз сӯи донишмандон ва муҳаққиқони эронӣ сурат гирифтааст. Хоса, тадқиқоти анҷомдодаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Аҳмади Ғаззолӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ин муҳаққиқ баробар ба нашри осори Аҳмади Ғаззолӣ ба он пешгуфтори муфассал ва муҳаққиқонае навишта, аз ин роҳ хидматҳои боарзише дар баррасии ҷойгоҳи Аҳмади Ғаззолӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва мақоми адабии ин асори гаронмояи ӯ ба анҷом расонид.

Бо ин ҳама дар адабиётшиносии тоҷикӣ роҷеъ ба ҳолнома ва осори илмию адабӣ, махсусан забону сабки баёни китоби "Савонеҳ" ва "Рисолат-ут-туюр"-и Аҳмади Ғаззолӣ ва мақоми он дар таҳаввулу такомули насри ирфонӣ тадқиқоти хос сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ таҳқиқу баррасии забон ва шеваи нигориш, арзиши адабию ирфонии китоби "Савонеҳ" ва "Рисолат-ут-туюр" ва нақши Аҳмади Ғаззолӣ дар ривоҷи насри ирфонӣ, барои адабиётшиносии имрӯзаи тоҷикӣ муҳим ва муфид хоҳад буд, ки аслу меҳварҳои пажӯҳишии рисолаи моро ба вуҷуд овардааст.

Боби аввали рисола **"Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ"** унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби мазкур, ки **"Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони Аҳмади Ғаззолӣ"** номгузорӣ шуда, имтидоди замоние, ки Аҳмади Ғаззолӣ умр ба сар бурдааст, нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII-ро дар бар мегирад. Фасли дуввуми боби аввал "Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори орифона дар асрҳои XI-XIII" унвон гирифтааст. Ин фасл аз вазъи иҷтимоии асрҳои XI-XIII оинаи даврони муҳимтарини таърихи тасаввуфи исломӣ аз ҳаёти сӯфиён ва табақаҳои мухталифи мардум маълумот медиҳад. Фасли сеюми боби аввал **"Зиндагиномаи Аҳмади Ғаззолӣ"** унвон дорад. Дар ин фалс оид ба рӯзгори Аҳмади Ғаззолӣ аз

кӯдакӣ то реҳлат гуфта мешавад. Фасли чоруми боби аввал **“Мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ”** ном дошта, дар фасли мазкур муҳимтарин осори адабии Аҳмади Ғаззолӣ муаррифӣ ва баррасӣ ёфтаанд.

Осори Аҳмади Ғазззолӣ монанди навиштаҳои бародараш Абӯҳомид бархе ба форсӣ ва бархе ба арабӣ аст. Аммо бар хилофи Абӯҳомид Аҳмад китоби бузурге монанди “Эҳёи улум” ё “Кимиёи саодат” нанавишта аст. Навиштаҳои ӯ умуман номаҳо ё рисолаҳои кӯтоҳест, ки бештар дар посухнома ё бино ба тақозои муридону дӯстон навишта шудааст. Бузургтарин асари ӯ “Лубоб-ул-эҳё” аст, ки он ҳам дар ҳақиқат тасниф ба шумор намеояд, зеро хулоса ё баргузидаи “Эҳёи улум” мебошад.

Савонеҳ-ул-ушшоқ яке аз маъруфтарин китобҳои Аҳмади Ғаззолӣ буда, бо забони форсӣ навишта шудааст. *Ин китоб* аз ҷумлаи осори муҳими Аҳмади Ғаззолӣ маҳсуб мешавад, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҷойгоҳи хоса дорад.

“Рисолату-т-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ низ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз эътибори баланд бархурдор аст.

Боби дуюми рисола “**Сохтору муҳтаво ва ҷанбаҳои ирфонии насри Аҳмади Ғаззолӣ дар мисоли “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”** унвон дошта, ба панҷ фасл тақсимбандӣ гардидааст.

Фасли аввал таҳти унвони **Нусхаҳои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”** нусхаҳои хаттии «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-ро бозӯ мекунад. Фасли дувуми боби дуюми рисола **“Сохтор ва муҳтавои “Савонеҳ-ул-ушшоқ”** унвон гирифтааст. Дар ин фасл сохтори фаслҳои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва иртиботи онҳо бо якдигар баррасӣ мегардад. “Савонеҳ-ул-ушшоқ” аз як муқаддима ва ҳафтоду шаш фасл иборат мебошад. Муқаддимаи китоб бо “Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим”, оёте аз Қуръони Карим ва салавот бар ҳазрати Расул (с) ва хонадони вай оғоз мешавад. Нахустин ҷумлаи муқаддима муаррифии мавзӯи матн аст: “Ин

ҳуруф муштамил аст бар фусуле чанд, ки ба маъонии ишқ тааллуқ дорад.” Фасли сеюм аз боби дуюми рисола **“Ҷанбаҳои ирфонии “Савонеҳ-ул-ушшоқ унвон”** дорад. Дар ин мабҳас ҷанбаҳои ирфонии асар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ миқдори фаровони истилоҳоти адабиву ирфониро дар синаи худ ҷой дода (нафси ишқӣ, нафси собиқ, корхонаи ғайб, ...ва ғайра ) ва ин мӯҷиби рӯи кор омадани рисолаи махсусе гаштааст.

Фасли чоруми аз боби дуюми рисола **“Бандубаст ва муҳтавои “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ”** унвон гирифта аз лиҳози фарогирии мавзӯи аслӣ, тарзи сужабандӣ, корбасти тамсилу ҳикоёт, барҷастагии тахайюли бадеии ориф, тафсилоти воқеаҳо оварда шудааст.

Фасли панҷуми боби дуюми рисола **“Таъсирпазирии Аттор аз “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ”** номгузорӣ гардида, муқоисаи муҳтавои он бо “Мантиқ-ут-тайр”-и Аттор нишон дода шудааст.

Боби сеюми рисола **“Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва аҳамияти адабии он”** унвонгузорӣ ва ба чаҳор фасл тақсимбандӣ гардидааст. Фасли аввали боби мазкур **“Сабки нигориши “Савонеҳ-ул-ушшоқ”(забон ва услуб)”** буда, дар он навъи сабк аст ва истифодаи бамавриди луғоту таркибот, рамзу роз, ҷобаҷоиҳо дар Савонеҳ гуфта шудааст. Дар давраи Аҳмади Ғаззолӣ насри сода ва мурсали адабиёти форсӣ тоҷикӣ нисбат ба давраи насри фаннӣ ва сабки маснуъ, ки мутакаллиф аст, бештар ривоҷ дошт. Дар сабки маснуъ нависанда кӯшиш бар он дорад, ки ҳар чи бештар аз забони муҳовара фосила бигирад ва дурӣ биҷӯяд.

Аҳмади Ғаззолӣ низ ҳамчун намояндаи бомаҳорати насри форсӣ-тоҷикӣ бо истифодаи боигарии забони халқ асосан аз ҳамин нуктаи назар ҷозибаю рехтагӣ, хулоса рӯҳи халқӣ бахшида, онҳоро вирди забони мардум гардонидааст.

Барои мисол, дар зер порчае аз “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ, ки аз калимаҳои лаҳҷавии хоси ӯ иборат аст, меоварем:

Сару рӯи ҳар чизе нуқтаи пайванди ӯст ва ояте дар сунъи мутаворӣ аст. Ва ҳусн нишони сунъ аст ва сару рӯи он руест, ки рӯй дар вай дорад ва то он сару рӯ набинад ҳаргиз ояте дар сунъу ҳусн набинад. Он рӯй ҷамоли **ва ябқо ваҷҳи раббика** аст. Дигар худ рӯй нест, ки **куллу ман алайҳа фан** ва он рӯй ҳеҷ аст то бидонӣ.

Ҳамчунонки мушоҳида гардид, дар мисоли болоӣ калимаи «ибтидо ва интаҳо» дар шакли калимаи лаҳҷавии «сару рӯй» истифода шудааст.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» дар насри фаннӣ падид омадааст ва бо ҳамаи кӯшиши муаллиф дар соданависӣ ва ба қавли устод Баҳор «қадре аз ҳайси санъати ибтидоӣ аст ва низ якдаст нест... гоҳе насрӣ аст дорои қаринасозӣ ва мувозинаи саҷъҳои пай дар пай ва муқаррар монанди Хоҷа Абдуллоҳ ва Қози Ҳамидуддин ва дар насрҳо оёту аҳодис ва рубоиҳои латифи дигар анвои шеър аз тозӣ ва порсӣ ёфт мешавад.»

Фасли дуюми боби сеюм **“Истифодаи истилоҳоти ирфонӣ дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ”** мебошад. Дар ин фасл корбасти истилоҳоти адабӣ ва ирфониро дар **“Савонеҳ-ул-ушшоқ” нишон додаем**.

Фасли сеюми боби сеюми рисола **“Истифодаи оят ва аҳодис дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ”** номгузорӣ шуда, дар ин фасл усулҳои истифодаи оёт дар китоби “Савонеҳ-ул-ушшоқ” гуфта мешавад. Аҳмади Ғаззолӣ дар бештари маврид қисме аз оёт, аввал ё миёнаи онро ба кор гирифта, гоҳе оятро ба қасди такмили сухани қаблӣ меоварад:

«Фардо нагӯед чун дигар мутаҳассирон, ки мо аз давлати ин ҳадис бехабар будем «لَوْ كُنَّا نَسْمَعُ أَوْ نَعْقِلُ مَا كُنَّا فِي أَصْحَابِ السَّعِيرِ»».

Фасли чоруми боби сеюми рисола **“Санъатҳои бадеӣ дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”** унвон дорад. Дар ин фасл авомили қоидагоҳӣ ба гунаҳои мухталиф дар баёну бадеъи маънавӣ мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст, ҳамчун ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва ғайра.

Пажӯҳиши зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ дар навбати аввал муқаррар месозад, ки ӯ яке аз нависандагон ва

намояндангони насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик ба шумор рафта, афкору андешаҳои вай барои ривоҷу равнақи мактабҳои фалсафӣ ва ирфонии асримиёнагии форсу тоҷик нақши муассир гузоштаанд. Бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиву илмӣ равшан мешавад, ки насаби комили ӯ Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ буда, аз китоби “Савонеҳ”равшан мегардад, ки дар он рӯзгор ин адиб пеш аз ҳама бо номи Аҳмад маъруфият доштааст.

Таҳқиқ дар мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ муқаррар месозад, ки ин донишманди соҳибном дар баробари ҳамчун ҳаким, файласуф ва ориф ном баровардан, дар ривоҷи насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик бо таълифи осори мансур, хоса “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” ном бароварда, ҳамчун адиб ва нависанда дар ривоҷи адабиёт дар асрҳои миёна хидмати босазое ба анҷом расонидааст.

Барои таваҷҷуҳатон ташаккур!

Сипас, саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои диссертатсия сурат гирифт:

**Савол**: **Ғаффорова У.А.** – доктори илмҳои филологӣ, профессор – 1. Навоварии рисола аз чӣ иборат аст? 2. Аз муҳаққиқони хориҷӣ доир ба мавзуъ киҳо таҳқиқот анҷом додаанд?

**Ҷавоб: -** 1. Баррасӣ ва таҳқиқи рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ, пеш аз ҳама бар асоси истифодаи сарчашмаҳои адабиву таърихии наздик ба замони ӯ, тазкираҳо ва осори дигар мавриди омӯзиш қарор мегирад, чун бештари маълумот дар бораи муаллифи асар дар ин навъ осор ҷой гирифтаанд, зеро то кунун ба таври мустақил дар адабиётшиносии тоҷик ин мавзуъ ба унвони матлаби муфиди адабӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки ҳамаи ин кори нав ва тоза мебошад. 2. Аз муқаққиқони хориҷӣ бештар аз ҳама Ҳелмут Риттер таҳқиқот бурда, гуфтааст, ки “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ бо забони сода, вале бисёр рамзӣ дар бораи ишқ таълиф шудааст.

**Савол**: **Ҳомидиён Ҳ.К.** – дотсенти кафедраи филологияи араб. – Оё аз ҷониби олимони араб ва ё донишмандони Эрон пайдо кардед, ки вобаста ба мавзӯи Шумо таҳқиқот бурда бошанд? Агар ҳа, пас, тафовути кори Шумо аз онҳо дар чист?

**Ҷавоб: -** Аз донишмандони арабизабон мо ягон таҳқиқоти хоса пайдо накардем, вале аз ҷониби муҳаққиқони Эрон бисёр таҳқиқотро пайдо кардем. Мисол, яке аз муққиқони асосие, ки осор ва ё зиндагиномаи Аҳмади Ғаззолиро муаррифӣ кардааст, ин Насруллоҳ Пурҷаводӣ мебошад. Ӯ тамоми рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ аз ҷумла, "Савонеҳ"- ро гуфта мегузарад. Ҳамчунин, китобе дорад бо номи "Султони тариқат." Дигар аз олимоне, ки дар бораи ин мавзуъ кор кардааст, Ҳашматуллоҳ Риёзӣ мебошад ва ӯ низ китобе дорад бо номи "Оёти ҳунс ва ишқ", ки дар он низ зиндагинома ва осори Аҳмади Ғаззолӣ шарҳу баррасӣ карда шудааст.

**Савол: Очилов М.** – доктори илмҳои филологӣ. – ҳангоми навиштани рисола аз кадом метод истифода бурдед ва оё дар рисолаи Шумо методи оморӣ дида мешавад? саволи дуюми ман ин аст, ки барои чӣ дар боби дуюми рисола ҳам "Савонеҳ" ва ҳам "Рисолат-ут-туюр" дида мешавад, лекин дар боби сеюм танҳо "Савонеҳ-ул-ушшоқ" оварда шудааст?

**Ҷавоб:** - Ташаккур барои савол! Мо ин ҷо аз методҳои муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ-тавсифӣ, таҳлили сохторӣ, оморӣ истифода кардем. Мисол, бо истифода аз методи оморӣ мо ашъор ва ҳикматҳое, ки Аҳмади Ғаззолӣ овардааст, ҳисоб карда, дар ҷадвали алоҳида онро нишон додем. Дар бораи боби дуюме, ки гуфтед яъне, ҳар ду асар таҳлилу баррасӣ мешавад, аммо дар боби сеюм "Рисолат-ут-туюр" оварда нашудааст, яке аз сабабҳои асосӣ ин аст, ки "Рисолат-ут-туюр" он қадар рисолаи бузург нест ва аслан Аҳмади Ғаззолӣ аз ҷиҳати ҳаҷм китобҳои бузург ба монанди бародараш нанавиштааст. Танҳо ҳамин "Савонеҳ-ул-ушшоқ" ва "Рисолат-ут-туюр" китобҳои машҳури ӯ

мебошанд ва ҳаҷман “Саъонеҳ-ул-ушшоқ” бузургтар буда, таҳлили зиёдтаре дорад, лекинончи дар бораи “Рисолат-ут-туюр” гуфтем, нав аст бинобар ин, дар боби сеюм таҳлил камтар ба назар мерасад.

Сухани навбатӣ барои хулосаи роҳбари илмӣ ба доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорова У.А. дода шуд.

Роҳбари илмии довталаб профессор Ғаффорова У.А. чанд фикрҳои худро баён намуд: “Ман хеле шод ҳастам, ки шогирди азизам Саидсултонхон Саидғанизода рисолаашонро ба анҷом расонида, рӯйи миз барои муҳокима гузоштанд. Вақте ки ман варианти якумро гирифтам, фикру мулоҳизаҳоямро баён кардам ва ин кас боз такмил дода, ин вариантро пешниҳод карданд. Албатта, Саидсултонхон Саидғанизода дар зарфи чанд соле, ки ин мавзӯро интихоб карданд, дар ҷустуҷӯйи маводҳо, сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ, адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ бениҳоят заҳмат кашиданд. Борҳо ба Душанбе сафар карданд ва фикр мекунам то қадри имкон он чизе, ки зарур буд пайдо карданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯза тавассути конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳҳои гуногун, аз ҷумла, байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин дар 12 мақолаи илмӣ манзури мутахассисони соҳа ва доираи васеи хонандагон карда шуда, баҳои мусбат гирифтаанд.

Мавзуъ мавзӯи хеле зебо, лекин мушкил ҳам ҳаст. Адабиёти ирфонӣ алҳол гуфтан мумкин аст, ки дар давраи Истиқлолият ба як раванди муҳим табдил ёфт, имконият пайдо шуд, ки ба адабиёти ирфонӣ ҳам рӯй орем. Дар ин раванд мо бояд пеш аз ҳама саҳми устодамон зиндаёд, Расул Ҳодизода инчунин, академик, Носирҷон Салимӣ, Оқилова М. ва чанд шогирдонамон, ки дар ҳамин равия ҳимоя кардаанд, Шарипова М., Исмоилова М., Камолов Ф., Очилова М. ёдовар шавем, ки ин ё он паҳлӯҳои осори адабиёти ирфониро таҳқиқ намудаанд. Имрӯз Саидсултонхон низ ба ҳамин роҳ пайвастанд ва рисолаи хуберо ба анҷом расониданд. Албатта, эҳсос мешавад, ки Саидсултонхон ба мавзуъ хеле амиқ ворид шудаанд, ошиқи мавзӯи худ ҳастанд ва фикр мекунам агар

бо надаздошти фикру мулоҳизаҳое, ки ин ҷо шуд диссертатсияро боз ҳам тасҳеҳу такмил диҳанд кори хубе мешавад. дастоварди асосие, ки Саидсултонхон ба ноил шуданд, бори аввал таҳқиқ шудани мавзуъ мебошад. Вазифае, ки дар пеши таҳқиқоташон истода буд, муайян кардани арзишҳои адабӣ ва ҷанбаҳои ирфонии рисолаҳои Аҳмади Ғаззолӣ ва таъсири ӯ ба адибони минбаъда буд, ки ин кас тавонистанд бори аввал бо муқоиса ва таҳлил барои муқаррар кардани мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар насри ирфонӣ ноил гарданд. Албатта, корҳои калонҳаҷми илмӣ бенуқсон намешавад мо омода ҳастем, ки барои тасҳеҳи кор мусоид кунем.

Хулосаи ман ин аст, ки диссертатсияро кори анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст ва бо назардошти эроду қайдое, ки иброз гардид, диссертатсияро пас аз тасҳеҳу такмил барои марҳалаи нав ба муҳокимаи Шӯрои олимони факултет пешбарӣ карда шавад."

Дар музокира ва муҳокимаи диссертатсия иштирок доштанд:

**Раҳимов И.У.** – н.и.ф., дотсент, декани факултети забонҳои шарқ: Аввалан, Саидғанизода Саидсултонхон ва роҳбари илмиашон профессор, Ғаффорова У.А.-ро бо анҷоми марҳалаи якуми кор табрик мекунам. Мавзуъ мавзӯи воқеан аҷиб буда, хонандаро ба худ ҷалб мекунад. Аммо якчанд фикрҳо ҳаст ва ин эрод ҳам нест танҳо як маслиҳат аст, ки инҳо:

1. Ҳуруф бояд мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст карда шавад.

2. Номи олимон дар диссертатсия духӯра оварда шудааст, ки он бояд якхел карда шавад. Насаб бояд фақат дар рӯйхати адабиёт ба пеш оварда шавад дар дохили кор бояд аввал ном, номи падар баъд насаб оянд.

3. Дар аксар маврид зикри сарчашма ва ё зикри саҳифаи он зарур аст, ки дар кор ишора шудаанд.

4. Муқаддимаи кор мувофиқи варианти охирони талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳ карда шавад ва нуктаи мувофиқати рисола ба барномаҳои давлатӣ ворид гардад.

5. Дар қисмати объекти таҳқиқот осори “Савонеҳ” гуфта шудааст, кит бояд асари гуфта шавад.

6. Дар муқаддима саҳми шахсии муаллиф бояд ба нуктаи навгониҳо гузошта шавад.

7. Дар баргардон кардани матни аслии ҳам “Савонеҳ” ҳам “Рисолат-ут-туюр” ба ҳазфи калимаҳо ва ё ғалатхонӣ роҳ дода шудааст. Масалан, калимаи “луҷурм” омадааст, ки бояд “лоҷарам” хонда шавад.

Хулоса, ин камбудиҳои ҷузъи буда, ислоҳи он вақти зиёдро намегирад ва диссертатсия кори анҷомёфта аст. Муборак бошад!

**Ҳомидиён Ҳ.К.** – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араб:

Раисикунанда ҳозиринро бо матни тақризи н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араб, Салимова Н. шинос кард, ки дар хулосаи он омадааст: “Хулоса, мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди диссертатсия гузошта шудаанд, комилан амалӣ гаштаанд. Мазмуни диссертатсия бо ном ва ихтисоси зикршуда мувофиқ аст, кори диссертатсионӣ маҳсули ҷусторҳои илмӣ-эҷодии унвонҷӯ мебошад. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшинос (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба ҳимоя тавсия мешавад” (тақризи н.и.ф., дотсент Салимова Н. манзур аст).

**Анварова М.Н.** – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи филологияи араб:

Аввалан мехоҳам муаллимаи азизи худро бо ин дастоварди бузург, ки зери раҳнамоияшон Саидғанизода Саидсултонхон кори сермаҳсулу

пурмазмунро ба анҷом расонидаанд, муборак гӯям! Инчунин, Саидғанизода Саидсултонхонро, ки таҳқиқоти хеле амиқу сермаҳсулашон рӯйи мизи ҳар яки мо шуд ҳумоюнбод мегӯям! Бошад, ки ҳамеша дар партави рифъат қарор дошта бошед. Ман фақат ҳаминро зикр кардани ҳастам, ки ҳини таҳқиқоти Саидсултонхон тӯли ин солҳо чанд бор дар радифи корашон суҳбат ҳам кардем ва аз мақолаҳои баровардаашон ҳам бохабар шудем ва аз худи мутолиаи диссертатсия, ки 173 саҳифа дораду то ҳол зиёд шуда истодааст, маълум мегардад, ки аз гаронқадртарин ва боарзиштарин рисола дар адабиёти ирфониву адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Бояд зикр кунам, ки мавзӯи рисола, ҷаззобият ва мазмуну мундариҷаи он бо соҳиби рисола хеле тавъаманд. Жарфандешии Саидсултонхон бо ҷумлаҳое, ки дар бобҳои рисола овардаанд бо ҳам хеле зебидаанд. Мавзӯи интихобгардидаи Саидсултонхон як навид аст, як шохаи нав аст. Зеро то ҷое, ки иттилоъ дорем мавзуъ дар Тоҷикистон бори аввал таҳқиқ шуда, кори тоза аст. Ҳарчанд аз тарафи донишмандони тоҷик адабиёти ирфонӣ баррасӣ шудааст, вале дар бораи Аҳмади Ғаззолӣ кори хосае ба анҷом нарасидааст. Бояд боиси ифтихор бошад, ки Саидсултонхон мавзӯи гаронро ба дӯши худ гирифта, имрӯз ҷамъбаст намуданд. Номи диссертатсия, ки «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» мебошад дар боб, мундариҷа ва мӯҳтавои он сад дар сад мувофиқат мекунад. Бояд зикр кунам, ки бобҳои дуюму сеюм, ки сохтору мӯҳтавои "Савонеҳ-ул-ушшоқ" ва "Рисолат-ут-туюр" оварда шудааст, ҳини хонданам маро хеле фараҳ бахшид. Ҷаззобияти диссертатсия дар боби дуюму сеюм мебошад, ки бобҳои хеле муфассал ва таҳсин маҳсуб ёфта, мавзӯҳо, ҷобаҷогузориҳо хуб ба роҳ монда шудааст. Чуноне қаблан декани факултет, н.и.ф., дотсент, Раҳимов И.У. зикр карданд, бояд диссертатсия бо ягон барномаи давлатӣ мувофиқат кунад. Ман ҳаминро гуфтаниям, ки диссертатсияи Саидғанизода С. пурра бо барномаи

давлатӣ ва дурнамои кафедра, ки дар мавзӯи "Робитаҳои адабии арабу аҷам ва поэтикаи шарқ" буда, онро муаллимаи азиз доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорова У.А. роҳбарӣ мекунанд, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, ба муқаддима қаблан эрод гирифтанд, лекин ман гумон мекунам, ки муқаддимаи кор аз рӯйи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷобаҷогузорӣ шудааст. Зеро муқаддимаи диссертатсияи Саидғанизода С. аз дигар муқаддимаҳои қаблӣ тафовут дорад ва хеле мӯшикофона оварда шудааст, ки ин ҳам боиси таҳсин мебошад. Хулосаи кор низ хуб хулосапардозӣ шудааст ва он камбудиҳои ҷузъие, ки техникиву услубиву дигар мебошанд, хеле зуд ислоҳ меёбанд, ягон ҳусни рисоларо кам намекунанд. Ман бо итминони комил гуфта метавонам, ки диссертатсия ба анҷом расидааст ва ба марҳалаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар интиҳо маҷлис ба **хулосаи** зерин омад:

1. Муҳтавои диссертатсия Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад; мавзӯи диссертатсияро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, накди адабӣ, сабкшиносӣ, ҳамчунин, мақолаҳову диссертатсияҳои илмӣ ба ҳайси манбаъ истифода бурд.; муҳтавои диссертатсия дар намуди мақолаҳои илмӣ интишор ёфтаанд, автореферат ифодакунандаи мазмуни диссертатсия мебошад; барои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳо дода шудаанд.

2. Диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

3. Бо назардошти ислоҳи норасоиҳои зикршуда диссертатсия ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи араби МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки устодони кафедраи номбурда, кафедраи грамматикаи забони арабӣ, кафедраи забонҳои форсӣ-хитоӣ қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи № 5-ум аз «9-уми» декабри соли 2022.

**Мудири кафедраи филологияи араби МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади илмҳои филология, дотсент: Анварова М.Н.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1,**
**тел. (+992) 92-767 36 63**
**E-mail: m.anvarova2018@mail.ru**

**Котиби ҷаласа, Тоҷибоева М.**

**«Имзоҳои М.Н.Анварова ва М.Тоҷибоеваро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**